ш.Норак	113633	78247,2	68122,1	120	10125,1	0,1
Прокуратура аз он ҷумла кӯмаки молиявӣ	28	61,0	61,0	0	0,0	0,0

Created by Universal Document Converter

5.5. ВАЗЪИ ҶИНОЯТКОРӢ
(аз рӯи маълумоти Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон)

Мувофиқи маълумоти Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар моҳи январ-феврали соли 2023-юм 1006 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда 789 ҷиноятро Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва Прокуратураи вилояти Хатлон ба қайд гирифтаанд, ки 78.4 фоизи шумораи умумии ҷиноятҳои ба қайд гирифташударо ташкил медиҳад. Дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 217 ҷиноят ё 21.6 фоизи шумораи умумии ҷиноятро ба қайд гирифтаанд.

Дар моҳи январ-феврали соли 2023 дар вилояти Хатлон шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 21.6 фоиз кам шудааст.

Маълумот оид ба вазъи ҷинояткорӣ дар моҳи январ-феврали соли 2023 чунин аст:

	Январ-феврали		январ-феврали-20223 ба ҳисоби фоиз насбат ба январ-феврали с.2022
	с.2022	С.2023	
Ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда - ҳамагӣ	1173	1006	85,8
аз ҷумла:			
ҷинояти вазнин	224	225	100,4
Бо истифодаи силоҳ	2	3	150,0
Одамкуши ва суиқасд ба он	2		0,0
Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломати	1	2	200,0
Таҷовуз ба номус ва суйқасд	3	3	100,0
Хариду фуруши одамон	-	-	-
Р оҳзанӣ	2	-	-
Ғоратгари	3	3	100,0
Тасаруф бо роҳи дузди	316	243	76,9
Қалоби	167	154	92,2
Ғайриқонуни ва таёр кардани силоҳ	-	1	-
одамрабоӣ	-	1	-
Авбоши	51	42	82,4
Тамаъҷуй		2	-
Ҷиноятҳои дорои хусусити терористи	5	3	60,0
Ҷиноятҳои вобаста ба фаъолияти эктримисти (ифротгарои)	28	19	67,9
Дар самти экстримисти	1	1	100,0

Created by Universal Document Converter

	Январ-феврали		январ-феврали-20223 ба ҳисоби фоиз насбат ба январ-феврали с.2022
	с.2022	С.2023	
Фирор (дезертрство) модаҳои 374-375	2	3	150,0
Ғайриқонуни гузаштани сарҳад	5	4	80,0
Худсарона ишғол намудани замин	89	62	69,7
Қасдан вайрон кардани амвол	11	4	36,4
Сохтакори таёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷат,штамп,муҳр	20	25	125,0
Вайрон кардани қойдаҳои ҳаракат дар роҳ	46	39	84,8
Расонидани зарари миёна ба саломати	22	14	63,6
Муъомилот,муносибат ва истифодаи ғайриқонуни воситаҳои нашъадор (м.200-201)	27	27	100,0
Тасаруфи вос.Нашъа,парвариши зироатҳои нашъа ва муъомилоти ғайриқонуни ба онҳо(202-206)	-	-	-
Қочоқи маводи нашъадор,модаҳои психотропи,прекурсҳои онҳо,модаҳои заҳролуд ва ғайра	6	5	83,3
Дигар ҷиноятҳо	140	121	86,4

Шумораи ҷиноятҳои вазнини ба қайд гирифташуда, дуздӣ ва ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухадир

Created by Universal Document Converter

Бақайдгирии ҷиноятҳо дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои вилоят аз рӯи ҳамаи хадамотҳо дар ҷадвали зер оварда шудааст:

	ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда-ҳамагӣ		Январ-феврали с.2023 ба ҳисоби фоиз нисбат ба январ-феврали с.2022	афзоиш (+) камшавӣ (-)
	Январ-феврали с.2022	Январ-феврали 2023		
Вилояти Хатлон	**1173**	**1006**	**85,8**	**-167**
ш.Бохтар	132	95	72,0	-37
н.Вахш	80	40	50,0	-40
н.Ҷ.Балхӣ	74	51	68,9	-23
н.А.Ҷомӣ	56	75	133,9	19
н.Ҷайҳун	55	50	90,9	-5
н.Шаҳритус	48	71	147,9	23
н.Евон	82	64	78,0	-18
н.Қубодиён	62	37	59,7	-25
н.Панҷ	48	34	70,8	-14
н.Дӯстӣ	36	23	63,9	-13
н.Кӯшониён	88	75	85,2	-13
н.Хуросон	49	33	67,3	-16
ш.Левакант	21	28	133,3	7
н.Н.Хусрав	10	18	180,0	8
ш.Норак	33	25	75,8	-8
ш.Кӯлоб	102	105	102,9	3
н.Восеъ	36	37	102,8	1
н.Данғара	30	36	120,0	6
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	23	30	130,4	7
н.Фархор	26	38	146,2	12
н.Темурмалик	11	6	54,5	-5
н.Муъминобод	15	9	60,0	-6
н.Ховалинг	20	15	75,0	-5
н.Ш. Шоҳин	22	8	36,4	-14
н.Балҷувон	14	3	21,4	-11

Created by Universal Document Converter

Дар моҳҳои январ-феврали соли 2023-юм 225 ҷинояти вазнин ба қайд гирифта шудааст, ки

нисбат ба моҳҳои январ-феврали соли 2022-ум 0,4 фоиз зиёд шудааст аст.

Бақайдгирии ҳодисаҳои қаллобӣ 7,8 фоиз, дуздӣ 23,1 фоизфоиз, кам шудааст.

Дар моҳҳои январ-феврали-соли ҷорӣ 42 ҳодисаи авбоши ба қайд гирифта шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 17,6 фоиз кам мебошад.

Аз рӯи маълумоти Агентии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати маводи мухаддир дар вилояти Хатлон, дар моҳҳои

январ-феврали соли -2023

3 адад ҷинояти вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба қайд Гирифташудааст,ки нисбати соли гузашта 3-баробар зиёд мебошад

Сардори Сарраёсати Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Ҳакимзода Қ.Б.

10.03.с.2023

Created by Universal Document Converter

МУҚОИСАИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ТАЪҶИЛИИ ОМОРӢ
ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДАР МОҲҲОИ ЯНВАРИ СОЛИ 2023

(ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли 2022- ум)

	Ҷумҳурии Тоҷикистон	ВМКБ	вилояти Суғд	вилояти Хатлон	шаҳри Душанбе	НТҶ
Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (кор, хизмат)	107,8	98,2	110,0	106,5	104,2	101,2
Бор кашонида шудааст, бо нақлиёти автомобилӣ	105,3	101,1	113,7	101,7	100,4	103,2
Мусофир кашонда шудааст, бо нақлиёти автомобилӣ	111,0	100,3	117,6	108,6	110,4	95,5
Маҳсулоти умумии кишоварзӣ	105,7	103,0	105,1	104,3	-	110,6
аз он ҷумла:						
- растанипарварӣ	95,3	-	124,3	102,0	-	22,9
- чорводорӣ	105,7	103,0	105,0	104,3	-	111,2
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо,						
-гӯшт (бо вазни зинда)	113,3	102,2	138,9	104,2	-	103,3
-шир	102,8	106,4	102,1	104,8	-	100,6
-тухм	98,0	95,7	101,7	102,4	-	86,1
-пашм	-	-	-	-	-	-
-пилла	-	-	-	-	-	-
-асал	-	-	-	-	-	-
-ғалладона	-	-	-	-	-	-
-пахта	-	-	-	-	-	-
-картошка	-	-	-	-	-	-
-сабзавот	101,0	-	100,1	101,7	-	100,0
-полезӣ	-	-	-	-	-	-
-меваҷот	-	-	-	-	-	-
-ангур	-	-	-	-	-	-
Саршумори чорво ва паррандаҳо:						
-чорвои калони шохдор	103,2	102,3	102,7	101,6	-	106,5
-гӯсфанду буз	104,4	101,8	103,4	102,9	-	108,3
-парранда	99,5	94,0	100,2	96,1	-	100,8
-асп	102,1	105,6	102,5	100,9	-	106,7
Аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳӣ маблағгузорӣ иҷро гардидааст, млн. сомонӣ	144,3	5,4	110,3	95,0	100,8	3,2 бар
Ҳаҷми умумии гардиши савдои чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, асбобҳои рӯзғор ва ашёи истифодаи шахсӣ	103,0	112,7	102,2	111,5	100,2	94,4
Хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ	110,5	110,1	107,2	100,3	117,8	97,9
Шумораи бекорони расмӣ ба қайд гирифташуда [1)]	102,0	100,0	100,0	107,7	100,0	102,5
Музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи як корманд [1)]	113,4	120,6	110,7	114,2	112,0	109,7

Эзоҳ [1)] - Нишондиҳандаҳо дар моҳи январи соли 2023

Created by Universal Document Converter

МУХТАСАРИ МЕТОДОЛОГӢ

Created by Universal Document Converter

Гузориши ҳармоҳаи омории «Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон» дар асоси маводҳои ҷамъбастии ҳисоботи омории давлатӣ гирифта шудааст ва он дар Барномаи корҳои оморӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022, № 578 тасдиқ гардида пешбинӣ шудааст, ҳамчунин гузориши таҳлилии мазкур дар асоси маводҳои таҳқиқоту пуршишҳои гузаронидаи мақомоти омор ва маълумотҳои дар асоси ҳисоботҳои омории вазорату идораҳои ба мақомоти оморӣ пешниҳод гардида, тартиб дода мешавад.

Гузориш дар асоси таснифоти умумии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (ТУНФЙ), ки ба таснифоти умумии меъёрии (стандартии) байналхалқӣ мувофиқат мекунад, омода шудааст. Таснифоти умумии намудҳои фаъолияти иқтисодии вилояти Хатлон (ТУНФЙ) мутобиқи зарурати дар амалия қабулкардаи гузориш ба низоми ҳисоботгирӣ ва омори байналмиллалӣ таҳия карда шудааст.

САНОАТ

Маҳсулоти саноатӣ (бо ифодаи арзиш) умуман ва соҳаҳои алоҳидаи он ҳамчун маҷмӯи маълумоти ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ муайян карда мешавад. Маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ арзиши ҳамаи маҳсулоти тайёри дар давраи ҳисобот истеҳсолкардаи корхона ва маҳсулоти нимтайёри ба хориҷ ирсол кардаи он (чӣ аз ашёи хоми худӣ ва чӣ аз ашёи хоми фармоишгар истеҳсолшуда), инчунин арзиши кори иҷрокардаи дорои хусусияти саноатӣ аз рӯи супориши беруна ё ки кори иҷро кардаи хоҷагӣ ва ташкилотҳои ғайрисаноатии корхонаи худӣ мебошад. Ба маҳсулоти корхонаи саноатӣ (бо баъзе истисно) маҳсулоти истеҳсоли худӣ, ки ба эҳтиёҷоти истеҳсоли саноатии дохили ҳамин корхона сарф карда шудааст, дохил намешавад.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо ифодаи (шакли натураи) худи маҳсулот, одатан, аз рӯи истеҳсоли умумии маҳсулот, яъне аз ҷумла аз рӯи маҳсулоти ба эҳтиёҷоти дохилии саноатию истеҳсолии ҳамон корхона сарфшуда, нишон дода шудааст.

Ба маълумоти истеҳсоли молҳои истеъмолӣ- молҳои истеъмолӣ ва ғайриистеъмолӣ, инчунин нӯшокиҳои спиртдор дохил карда шудаанд.

Индекси истеҳсолоти саноатӣ - нишондиҳандаи нисбӣ, ки тағйироти миқёси истеҳсолотро дар давраҳои муқоисашаванда тавсиф мекунад. Индексҳои инфиродӣ тағйироти истеҳсоли як маҳсулотро инъикос мекунанд ва дар давраҳои муқоисашаванда ҳамчун нисбати ҳаҷми истеҳсоли ҳамон намуди маҳсулот дар ифодаи ашё ба ҳисоб гирифта мешаванд. Индекси маҷмӯии истеҳсоли маҳсулот тамоми тағйироти истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулотро тавсиф мекунад. Индекс тағйироти арзишеро, ки дар ҷараёни истеҳсолоти саноатӣ дар натиҷаи тағйири танҳо ҳаҷми физикии маҳсулоти истеҳсолшуда ташкил меёбад, тавсиф мекунад. Барои ҳисоб карда баромадани индекси маҷмуии истеҳсолоти саноатӣ ва индексҳои инфиродии намудҳои мушахаси маҳсулоти саноатӣ давра ба давра ба индексҳои соҳаҳои саноатӣ ва умуман саноатӣ ҷамъбаст карда мешаванд.

Ҳаҷми маҳсулоти ба фуруш баровардашуда (кор, хизмат) - арзиши маҳсулоте мебошад, ки аслан дар давраи ҳисобот ба истеъмолкунандагон интиқол (фиристода) шудааст, инчунин арзиши кору хизмати иҷро карда шудаи саноатӣ аст, ки фармоишгар, сарфи назар аз он ки ба суратҳисоби корхона пул ворид шудааст ё не, қабул кардааст.

Created by Universal Document Converter

КИШОВАРЗӢ

Ба корхонаҳои кишоварзӣ мансубанд: хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) корхонаҳои байнихоҷагӣ, корхонаҳои иҷоравии кишоварзӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, фирмаҳои аграрӣ, хоҷагиҳои ёрирасони корхонаву ташкилотҳо.

Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-субъекти мустақили хоҷагидорӣ буда, оила ё шахрванди алоҳида ташкил кардааст, ки истеҳсол, коркард, захира ва фуруши маҳсулоти кишоварзиро дар асоси истифодаи амвол, замин ва дигар захираҳои табиӣ, ки ҳамчун моликияти хусусӣ ё шахсӣ якумрӣ мерос мондааст ё иҷора гирифтааст, ба амал мебарорад.

Ба хоҷагиҳои аҳолӣ хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон, заминҳои обчакорӣ ва боғҳои коллективӣ, бӯстонсаро дохил мешаванд.

Маҳсулоти кишоварзӣ маҷмӯи маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводории ҳамаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва аз ҷумла хоҷагиҳои сектори инфиродӣ-хусусӣ (аҳолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад, ки аз рӯи нархҳои аслӣ арзёбӣ шудааст.

Индекси истеҳсолоти кишоварзӣ-нишондиҳандаи нисбӣ мебошад, ки тағйироти миқёси истеҳсолотро дар даврaҳои муқоисавӣ тавсиф мекунад. Индекс тағироти арзишро, ки дар ҷараёни истеҳсолот дар натиҷаи тағйироти танҳо ҳаҷми физикии маҳсулоти истеҳсолшуда ба вуҷуд меояд, нишон медиҳад.

Маҳсулоти растанипарварӣ арзиши маҳсулоти хоми аз ҳосили давраи ҳисобот ба даст омада-ғалла, маҳсулоти зироати техникӣ, картошка, сабзавот ва полезии хӯрокворӣ, меваҷот ва буттамеваҳо, зироати хӯроки чорво, дон ва парвардаи зироат, набототи бисёрсола ва тағйири арзиши истеҳсолоти нотамоми соҳаи растанипарвариро (шинондан ва то ҳосилбандӣ парвариш кардани зироат ва набототи бисёрсола) аз аввал нисбат ба охири давраи ҳисобот дар бар мегирад.

Маҳсулоти чорводорӣ арзиши маҳсулоти хом, ки парвариш кардан ва ба нафъи хоҷагӣ истифода бурдани маҳсулоти чорво ва мурғ (шир, пашм, тухм ва ғайра) ҳосил мешавад, инчунин арзиши чорво ва мурғи фурӯхташуда, тағйироти арзиши парвариши ҷавонаҳо ва чорвои дар давраи ҳисобот бӯрдоқишуда, арзиши маҳсулоти замбури асалпарварӣ, маҳсулоти моҳипарварӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Замину киштзори кишоварзӣ минтақаи замине, ки мунтазам барои рӯёнидани маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешавад. Ба таркиби замину киштзор замини корам, замини набототи бисёрсола, алафзор ва чарогоҳ дохил мешавад. Замину киштзори кишоварзӣ ҳамчун моликияти иҷора, доимӣ ва дар истифодаи муваққатии корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва деҳқонӣ (фермерӣ) қарор мегирад.

Ҷамъоварии умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (ҷамъоварии аслӣ) аз ҳамаи замини киштӣ зироати гуногун мебошад. Ҳам аз рӯи зироати ҷудогона (картошка, лаблабуи қанд ва ғайра) ва ҳам аз рӯи гурӯҳҳои зироат (ғалладона, лӯбиёӣ, сабзавот, полизӣ, бехмеваи хӯроки чорво ва ғайра) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Истеҳсоли гӯшти чорво ва мурғ (дар вазни зинда) чорво ва мурғи барои гӯшт фурӯхтаи истеҳсолгарони маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин моли дар корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва аҳолӣ кушташударо дар бар мегирад.

Истеҳсоли шир-шири дар асл дӯшидашуда мебошад, сарфи назар аз он, ки вай фурӯхта ё истеъмол шудааст ва ё дар хоҷагӣ барои истифодаи гӯсола ва хукбача сарф шудааст.

Шире, ки гӯсолаҳо мемаканд, ба истеҳсолот дохил карда намешавад ва дар мавриди муайян кардани ҳисоби миёнаи ширдӯшӣ аз ҳар сар гови ҷӯшоӣ ба ҳисоб гирифта намешавад.

Истеҳсоли тухм-тухми аз ҳамаи намудҳои мурғи хонагӣ гирифташуда, инчунин барои чӯҷагирӣ, истеҳсоли хокаи тухм ва дигар мақсадҳо сарфшуда мебошад.

Created by Universal Document Converter

СОХТМОН

Инвеститсия дар сармояи асосӣ- маҷмӯи маблағест ки барои харид, барпо кардан ва такрористеҳсоли фармонҳои асосӣ сарф мешаванд.

Мувофиқи сохтори истеҳсолӣ ва хусусияти фондҳои асосӣ инвеститсия дар сармояи асосӣ барои хароҷоти иҷрои корҳои сохтмону васлкунӣ ва лоиҳакашию кашшофӣ хариди таҷҳизоте, ки ба сметаи сохтмон хоҳ дохил шуда бошад ва хоҳ не хоҳ васл кардан лозим ояд ва хоҳ не, барои хариди асбоби истеҳсолот ва анҷоми хоҷагӣ, чорвои корӣ ва маҳсулдеҳ, барои хароҷоти шинондан ва парваридани ниҳолҳои мева ва буттамева, бунёди ҷангал ва дигар хароҷот, ки ба инвеститсияи сармояи асосӣ дохил мешаванд, ҷудо карда хоҳад шуд.

Фондҳои асосӣ- пул, молҳои истеҳсолшуда мебошад, ки барои доимӣ ва чандинкарата дар давоми давраи тӯлонӣ, вале на камтар аз як сол, барои истеҳсоли молҳо, барои хизматрасонии бозорӣ ва ғайрибозорӣ истифода мешаванд.

Ба кор андохтани фондҳои асосӣ- арзиши объектҳои сохтмони ба итмомрасида ва бо тартиби муқарраршуда ба истифода додашуда-биноҳо, иншоотҳо, корхонаҳо, комплексҳои ба кор андохташудаи навбати онҳо, инчунин дастгоҳҳо, асбобу анҷом, набототи бисёрсола, чорвои корӣ ва маҳсулдиҳанда мебошад. Дар шаклҳои мушоҳидаҳои оморӣ баробари ба кор даровардани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва объектҳои манзилию шаҳрвандӣ дар асоси актҳои қабули объектҳои сохтмонӣ ба итмом расида инъикос карда мешавад.

Ба кор андохтани иқтидор- нишондиҳандаи иқтидор (маҳсулнокӣ, ғунҷоиш арзиши харидорӣ, майдон, масофа ва ғайра), ки дар натиҷаи дар сармояи асосӣ ба амал баровардани инвеститсия ҳосил шудааст. Дар шаклҳои мушоҳидаҳои оморӣ ба кор андохтани иқтидори истеҳсолӣ, объектҳои манзили шаҳрвандӣ баъди мувофиқи тартиботи муқарраршуда барои истифода қабул шуданашон инъикос карда мешаванд.

Сохтмони ғайриистеҳсолотӣ- сохтмону таҷдиди объектҳои таъиноти манзилӣ шаҳрвандӣ ва фарҳангӣ (биноҳои истиқоматӣ, муассисаҳои томактабӣ, иншооти варзиш, театру тамошохонаҳо, объектҳои хоҷагии коммуналӣ) мебошад.

Шумораи квартираҳои сохташуда- миқдори квартираҳои биноҳои истиқоматӣ, меҳмонхона ва хобгоҳҳои умумӣ мебошад, ки сохтмонашон ба итмом расидааст.

Масоҳати умумии манзилҳои истиқомати маҷмӯи масоҳати манзилҳо ва манзилҳои ёрирасон, инчунин масоҳати пешайвон, балкон, айвон, роҳравҳо ва амборҳои хунук мебошад, ки дар квартира, меҳмонхонаҳо, хобгоҳҳои умумии доимӣ ва дигар хонаҳои барои сукунати одамон (хонаҳои пиронсолон, маъюбон, биноҳои хобгоҳҳои бачагон ва мактаб-интернатҳо) таъин гардидаанду бо коэффисенти дахлдори кам кардашуда ҳисоб карда шудаанд. Ба биноҳои ёрирасон ошпазхона, роҳравҳои пеш ва дохили квартираҳо, ванна ва ҳаммом, ташноб, амбор ё ҷевонҳои сохташуда дохил мешаванд. Дар хобгоҳҳои умумӣ ба биноҳҳои ёрирасон хонаҳои хизматрасонии тиббӣ ва маданию маишӣ дохил мешаванд.

Сохтмони биноҳои истеҳсолотӣ- сохтмони обектҳое мебошад, ки баъди бино ёфтан ва ба истифода дода шуданашон дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ- дар саноат, сохтмон нақлиёт, алоқа ва ғайра ба кор мераванд.

Ҳаҷми корҳои пудратии иҷрошуда- корҳое мебошанд, ки аз рӯи қарордори пудратии сохтмон ва (ё кӣ қарордори давлатӣ), ки бо фармоишгар имзо шудааст, бо қувваи худ иҷро карда шудаанд. Ба арзиши корҳои пудратӣ арзиши корҳои сохтмон ва васлкорӣ (сохтмони нав, таҷдид, васеъ кардан, бо техникаи нав таҷҳизонидан ва ғайра), арзиши корҳои таъмири куллӣ ва ҷорӣ ва дигар корҳо (ба истифодадиҳию танзимкорӣ, техникию маданӣ, обшӯӣ, пармаю таркиш ва ғайра) дохил карда мешаванд.

Created by Universal Document Converter

Маълумотҳо бо назардошти ҳаҷми корҳои иҷрокардаи субъектҳои соҳибкорони хурд, ташкилотҳои вазоратҳо ва идораҳое, ки қисмҳои низомӣ доранд, дарҷ карда мешаванд.

НАҚЛИЁТ

Нақлиёт ҳамчун намуди фаъолияти хоҷагӣ ба нақлиёти истифодаи умум ва ғайри умум ҷудо мешавад.

Нақлиёти истифодаи умум нақлиётест, ки талаботи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолиро дар боркашонӣ ва мусофирбарӣ қонеъ мегардонад, намудҳои гуногуни маҳсулотро байни истеҳсолкунандаҳо ва истеъмолкунандаҳо мекашонад, ба ҳамаи аҳолӣ хизмати дастраси умум мерасонад.

Нақлиёти истифодаи ғайриумумӣ (идоравӣ), одатан бору мусофирони корхонаю иттиҳодияи (ассосиатсия ва консерн ва ғайра) худро мекашонад.

Боркашонӣ-нишондиҳандаест, ки ҳаҷми бори бо тонна кашондаи васоити нақлиёти мамлакатро тавсиф мекунад.

Боргардиш ба ҳисоби тонна-километр кашондани бор аст. Он аз рӯи маҷмӯи вазни ҳар гурӯҳи боре муайян карда мешавад, ки ба масофаи таърифии ҳамлу нақл ба ҳисоби тонна-километр кашондааст.

Мусофиркашонӣ аз рӯи маҷмӯи ҳамаи мусофироне ҳисоб карда мешавад, ки бо воситаҳои нақлиёт чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ дар роҳҳои байналхалқӣ, сарфи назар аз он ки дар мавриди пардохти ҳаққи мусофиркашонӣ, аз он ҷумла мусофироне, ки бепул, инчунин бо чиптаи бепул ҳуқуқи рафтуомад карданро доранд, кадом таърифи татбиқ мегардад, кашонда мешаванд.

Мусофиргардиш ҳаҷми корҳои иҷрошударо аз рӯи мусофиркашонӣ бо назардошти масофае, ки мусофирон кашонда шудаанд, тавсиф мекунад.

БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ

Гардиши моли чакана-арзиши моли истеъмолӣ мебошад, ки ба аҳолӣ барои истеъмоли ниҳоӣ ё барои истифодаи рӯзгор фурӯхта шудааст. Инчунин ба гардиши чаканаи мол арзише низ дохил мешавад, ки муассисаҳои савдои чаканаи мол ба ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ (муассисаҳои кӯдакона, табобат, истироҳатгоҳ, хонаҳои маъюбон ва ғайра) аз рӯи ҳисоби ғайринақдӣ мефурӯшанд.

Маълумотҳои гардиши чаканаи мол арзиши молҳоеро дар бар мегирад, ки ба аҳолӣ ташкилотҳое фурӯхтаанд, ки савдои чакана ва хӯроки умумӣ фаъолияти асосиашон ҳисоб мешавад. Инчунин арзиши молҳое дохил мешаванд, ки ташкилотҳои дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба аҳолӣ фурӯхтаанд, ба шарте, ки онҳо молҳои истеъмолии аз дигар ҷо ба дастовардаашон ё молҳои истеҳсоли худашонро тавассути ташкилотҳои савдо мефурӯхта бошанд, ҳамчунин арзиши молҳое дохил мешаванд, ки ашхоси воқеӣ дар бозорҳои ашё, омехта ва озуқаворӣ фурӯхтаанд.

Индекси ҳаҷми физикии гардиши моли чакана-нишондиҳандаи нисбии тағйироти гардиши савдои чакана дар давраҳои муқоисашаванда бо нархҳои муқоисавӣ аст.

Ҳаҷми хизмати пулакии ба аҳолӣ расондашуда харочоти аҳолӣ ба хизмате мебошад, ки корхонаҳо ва ташкилотҳои шакли моликияташон гуногун ба аҳолӣ расондаанд. Ба ҳаҷми хизмати пулакӣ, ки ба аҳолӣ расонда шудааст, инчунин маблағе ба ҳисоб гирифта мешавад, ки аз корхонаҳо ва ташкилотҳо чун ҳаққи хизмати адокардаи кормандон ворид мегардад.

Ба хизмати пулакие, ки ба аҳолӣ расонда шудааст, дохил мешавад: хизмати маишӣ, хизмати нақлиёти мусофирбар, алоқа, хизмати манзилию коммуналӣ, хизмати муассисаҳои бачагонаи томактабӣ, хизмати муассисаҳои фарҳангию варзишӣ, тиббӣ, истироҳатию табобатӣ, хизмати соҳаи ҳуқуқ, хизмати муассисаҳои бонк ва ғайра.

Хизмати пулакӣ ба аҳолӣ- натиҷаи фаъолияти корхонаю ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани

Created by Universal Document Converter

талаботи шахсии аҳолӣ мувофиқи фармоиши онҳо равона шудааст. Ба ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ инчунин хизмате дохил карда мешавад, ки ашхоси машғулини фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба аҳолӣ мерасонанд.

Ҳаҷми умумии адои хизмати пулакӣ маҷмӯи маблағи пардохтҳое мебошад, ки аз аҳолӣ ба корхона барои хизматашон ворид мешавад, аз ҷумла арзиши илова, андози махсус, аксизҳо ва ғайра.

Пардохтҳои илова, ки аз ҳисоби маблағи мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ба ҷо оварда шудаанд, ба ҳаҷми адои хизмати аҳолӣ дохил карда намешаванд.

Ба таркиби хизматрасонии пулакӣ инчунин асосан хизмати маишии аз рӯи фармоиш иҷро кардашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Хизмати пулакӣ қатъиян дар давраи ҳисобот дар лаҳзаи пешниҳоди онҳо, ки маъмулан бо додани фармоиши пардохташуда мутобиқат мекунад, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

НАРХҲО

Индекси нархҳои истеъмолӣ ва таърифаи молҳо ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ (ИНИ) аз тағйири ҳарвақтаи сатҳи умумии нарх ва таърифаи молу хизмат, ки аҳолӣ барои истеъмоли ғайриистеҳсолӣ баҳра мебарад башорат медиҳад. Таносуби арзиши маҷмӯи мол хизмати қайдшудаи давраи ҷорӣ ва арзиши давраи гузаштаашонро чен мекунад.

Ба маҷмӯи молу хизмат эиёда аз 300 намуди молҳо (хизмат) дохил карда шудаанд. Нарху таърифаҳо дар ҳамаи марказҳои вилоятҳо (ғайр аз ВМКБ) ва дар шаҳрҳою марказҳои ноҳияҳо интихобан бо назардошти намояндагии онҳо дар инъикоси вазъияти иҷтимоию-иқтисодӣ ва ҷуғрофии минтақаҳо мушоҳида карда мешаванд.

Арзиши маҷмӯи хӯрокворӣ дар асоси истеъмоли аслии хонавода (аз рӯи мушоҳидаҳои интихобӣ) умуман дар ҷумҳурӣ, ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ муайян карда мешавад.

Индекси нархи истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти саноатӣ дар асоси бақайдгирии молҳо - намудҳои дар захираи корхонаҳои саноатӣ мавҷуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Барои нархҳои истеҳсолкунандагон дар зиёда аз 100 корхонаи саноатӣ мушоҳида гузаронда мешавад. Ҳисобу китоби нархҳои миёна ва индексҳо аз рӯи зиёда аз 80 намуди мол ба амал бароварда мешаванд. Нархҳои истеҳсолкунандагон нархҳои ҳақиқии дар лаҳзаи сабти нархҳои маҳсулоти истеҳсолшудаи корхонаҳои саноатӣ ҳосилшуда мебошад, ки барои фурӯш ба бозори дохилӣ (бе назардошти андозҳои бевоситаи молҳо-андоз аз арзиши изофа, аксизҳо ва ғайра) бароварда мешаванд.

Индекси нархҳо аз рӯи молҳо-намояндаҳои ба ҳисоб гирифташудаи истеҳсолкунандагон мунтазам ба индекси нархҳои зерсоҳаҳо ва умуман саноат мутобиқ карда мешаванд. Ба сифати ченак маълумотҳои ҳаҷми истеҳсолот бо арзиши давраи асосӣ истифода бурда мешаванд.

Индекси таърифаҳои боркашонӣ тағйироти таърифаҳои дар ҳақиқат амалкунандаи боркашониро дар давраи ҳисобот тавсиф мекунад; дар ин маврид тағйироти сохтори бори кашондашуда аз рӯи аломатҳои гуногун ба ҳисоб гирифта намешаванд: намуд ва андозаи ҳамлу нақли бор, суръати ҳамлу нақл, масофаи боркашонӣ, ҳудудӣ боркашонӣ, навъи воситаи нақлиёт, дараҷаи истифодаи иқтидори борбардоришон ва дигар аломатҳо.

Маҷмӯи индексҳои таърифаҳои боркашонии ҳамаи намудҳои нақлиёт бо назардошти индексҳои таърифаҳои боркашонии намудҳои ҷудогонаи нақлиёт (автомобил, роҳи оҳан, нақлиёти ҳаво), ки бо ҳаҷми даромадҳои аз боркашонии намудҳои дахлдори нақлиёт дар давраи асосӣ бадастомада андоза ва қиёс карда шудаанд, ҳисоб карда мешавад. Аз рӯи ҳар кадом намуди нақлиёт таърифаҳои хизматрасонӣ-намоянда ба қайд гирифта мешавад. Барои хизматрасонӣ-намоянда як тоннаи бори бисёрро ба масофаи аниқшуда кашондани намуди муайяни нақлиёт қабул

Created by Universal Document Converter

шудааст. Таърифҳо дар маҷмӯи интихобии ташкилотҳои васоити нақлиёт қайд карда мешавад.

МОЛИЯ

Буҷет- шакли ташкил ва хароҷоти фонди маблағе мебошад, ки барои бо маблағ таъмин намудани вазифаҳои давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҷудо карда шудааст.

Даромади буҷет- маблагест, ки мувофиқи қонунгузории буҷету андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон ва бебозгашт ба ихтиёри мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидоракуни маҳаллӣ ворид мегардад.

Ба даромади ғайриандоз даромадҳои давлатӣ, ғайр аз даромадҳо аз фурӯши сармоя, ҳамаи мадохилот аз рӯи ҷарима ва иҷозатномаҳо, ғайр аз ҷаримаҳои аз муҳлат дер пардохтани андозҳо ва ҳамаи мадохилоти ихтиёрӣ, ройгон, мадохилоти ҷорӣ, бебозгашт аз манбаъҳои ғайридавлатӣ мансубанд.

Ба ин муносибат ин категория чунин даромадҳои давлатиро истисно мекунад: даромад аз андоз, грантҳо, қарзҳо, пардохт ба ҳисоби қарзҳои давлатии пешина, фурӯши сармояи асосӣ, захираи молҳо, замин ва активҳои ғайримоддӣ, инчунин грантҳо аз манбаъҳои ғайридавлатӣ, ки барои мақсадҳои маблағгузорӣ пешбанӣ шудаанд.

Андоз- пардохти ҳатмии фардии бебозгашт, маблағе мебошад, ки аз ташкилотҳо ва ашхоси воқеӣ дар шакли мусодираи моликияти онҳо, барои пеш бурдани хоҷагӣ ё ки идори таъҷили бо мақсади таъмин гардонидани фаъолияти давлат ва (ё) ташкилотҳои мунисипиалӣ ситонда мешавад.

Боҷ- аъзоҳақии ҳатмӣ мебошад, ки аз ташкилотҳо ва ашхоси воқеъ ситонда мешавад, пардохте, ки яке аз шартҳои иҷроиши ба манфиати пардохткунандагони боҷҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дигар намояндагони мақомот ва мақомоти ашхоси ҳуқуқӣ, ки фаъолияташон аҳамиятнок аст, аз ҷумла ҳуқуқи муайян доранд ё ба додани иҷозатнома (литсензия) ҳуқуқ доранд.

Грантҳо- пардохтҳои ғайриҳатмиии бебозгашт ва бебурди байнидавлатҳо ё байни ташкилотҳо мебошанд.

Хароҷоти буҷети давлатӣ хароҷоти аз рӯи пулҷудокунӣ муайяншуда мебошад, ки дар қонуни оид ба буҷет барои як сол пешбинӣ шуда, барои қонеъ гардонидани талаботи умумии ҷомеа равона карда шудааст, иборат аст аз: маблағ барои пӯшонидани хароҷоти ҳарбӣ, таъмини дастгоҳи давлатӣ, адои вазифаҳои давлатӣ, доданӣ ёрии пулӣ, рушди сектори иқтисодёти давлат, пӯшонидани хароҷоти иҷтимоию фарҳангӣ ва тадқиқоти илмӣ.

Касри буҷет- барзиёд будани хароҷот аз даромади буҷет мебошад.

Фоидаи буҷет-барзиёд будани даромад аз хароҷоти буҷет мебошад.

Бақияи натиҷаи молиявӣ (фоида тарҳи зарар)- натиҷаи ниҳоии молиявӣ аст, ки дар асоси баҳисобгирии муҳосибавии тамоми амалиёти хоҷагидории корхона ва ташкилотҳо ошкор карда шудааст. Яъне маблағи фоида (зарар) мебошад, ки аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат), маблағҳои асосӣ, дигар амволи корхона ва ташкилот ва аз даромад аз амалиёти ғайрифурӯш, ҳосил шудааст ва ба маблағи хароҷот аз рӯи ин амалиёт кам карда шудаанд.

Қарздории умумӣ аз рӯи ухдадорӣ-қарздории кредиторӣ ва қарздорӣ аз рӯи қарзи бонкҳо ва вомбаргҳо мебошад.

Қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ-ба ин қарздорӣ қарзи харидорон (таъминкунандагон) барои бори фиристодашуда, кору хизматҳои иҷро кардашуда, аз он ҷумла таъмин будан бо векселу пешпардохти гирифташуда, ситондани товони зарари моддӣ дохил карда мешавад. Ғайр аз ин, ба қарздории кредиторӣ қарздории

Created by Universal Document Converter

корхонаҳо аз рӯи ҳамаи намудҳои пардохт ба буҷет аз рӯи додани маблағи пардохти ҳаққи меҳнат ва дигар пардохтҳо, ба фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ дохил мешавад.

Қурби расмии арзҳои хориҷӣ нисбат ба сомониро Бонки Миллии Тоҷикистон ҳар ҳафта муқаррар мекунад.

САВДОИ ХОРИҶӢ

Содирот-молҳое, ки мувофиқи муқаррароти гумрук ба хориҷи мамлакат содир карда мешаванд. Воридот- молҳое, ки ба мамлакат барои муомилоти озод ворид карда мешаванд. Бақия (салдо) фарқияти арзиши байни содироту воридот мебошад. Гардиши савдои хориҷӣ маблағи арзиши содирот ва воридот аст.

САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ

Даромади аслии пули аҳолӣ пардохти музди меҳнати ҳамаи категорияҳои аҳолӣ, пардохти нафақа, ёрдампулӣ, стипендия ва дигар трансфертҳои иҷтимоӣ, мадохилот аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, даромад аз моликият дар шакли фоиз аз пасандозҳо, қоғазҳои қиматнок, ҳаққи саҳмҳо, қарзҳо, даромад аз фурӯши арзҳои хориҷӣ ва дигар даромадҳо мебошад.

Даромади аслии пулии дар ихтиёрдошта-даромаде мебошад, ки аз он пардохтҳои ҳатмии бо индекси нархҳои истеъмолӣ тасҳеҳшуда хориҷ карда шудаанд.

Хароҷот ва пасандозҳои пулии аҳолӣ-хароҷот барои хариди молҳо ва пардохтҳо барои хизматрасонӣ, пардохҳои ҳатмӣ ва гуногун (андоз ва боҷҳо, пардохт барои суғуртакунӣ, пардохт ба ташкилотҳои кооперативӣ ва ҷамъиятӣ, баргардонда додани қарзи бонкҳо, фоизи қарзи молҳо ва ғайра), барои харид кардани арзҳои хориҷӣ, инчунин афзоиш додани пасандозҳо ва қоғазҳои қиматнок мебошад.

Музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии кор бо назардошти фонди ҳаққи меҳнат ба кормандон пардохта мешавад, ки барои шумораи дар рӯйхат будаи кормандон ҷудо карда шудааст. Ба фонди ҳаққи меҳнат дар шакли пул ва натура барои вақти коркардашуда ва иҷрои кор, кори иҷронашуда, аммо вақти пардохташаванда (масалан, рухсатии ҳарсола) пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ ва иловагӣ, мукофотпулӣ ва мукофотпулии яквақта, ёрдампулии вобаста ба шароити кор ва меҳнат дохил карда мешавад.

Музди ҳақиқии кор ҳаҷми молҳо ва хизматрасониро, ки ба музди кор дар давраи ҷорӣ бо назардошти нархҳои давраи асосӣ пардохта мешавад, тавсиф мекунад. Барои тавсифи қобилияти харидорӣ музди кор ба муносибати тағйир ёфтани нархи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ индексҳои аслии музди кор ба ҳисоб гирифта мешавад. Барои ин индекси музди номиналии кор ба индекси нархҳои истеъмолӣ тақсим карда мешавад. Ҳар ду индекс бояд ба як вақти ҳамон давра дахл дошта бошад.

Қарздории мӯҳлаташ гузашта оид ба пардохти музди кор маблағи музди кор, ки аслан барои пардохти ҳақиқии музди кори кормандон ба ҳисоб гирифта шудааст, аммо дар мӯҳлати муқарраркардаи қарордоди коллективӣ ё ки қарордоди хизматрасонии ҳисоби хазина, ки бо бонк имзо шудааст, пардохта нашудааст.

БОЗОРИ МЕҲНАТ

Синну соли зерин қобили меҳнат дониста мешавад: барои мардон 15-62-сол барои занон 15-57-сол. Ба синну соли хурди қобили меҳнат ашхоси 0-14-сола тааллуқ доранд. Ба синну соли калони қобили меҳнат мард

они 63-сола ва калонтар, занони 58-сола ва калонтар ба эътибор гирифта мешаванд.

Аҳолии дар иқтисодиёт фаъол-қисмати аҳолие мебошад, ки дар давраи тадқиқшаванда барои ҳосил кардани мол ва хизматгузорӣ қувваи кориро таъмин

Created by Universal Document Converter

менамояд. Аҳолии дар иқтисодиёт фаъол маҷмӯи аҳолии машғули фаъолияти иқтисодӣ ва бекорон аст.

Ба аҳолии дар иқтисодиёт машғул ашхосе мансубанд, ки дар давраи тадқиқшаванда аз рӯи кироякории музднок кор кардаанд, инчунин мустақилона ё бо як ё якчанд ҳариф ҳам бо ҷалб кардан ва ҳам ҷалб накардани кироякорон кори даромаднокро иҷро намудаанд. Ба ин гурӯҳ ашхосе низ дохил мешаванд, ки корро бемузд дар корхонаи оилавӣ иҷро намудаанд. Инчунин ашхосе, ки аз сабаби беморӣ, нигоҳубин кардан ба бемор, ба рухсатии ҳарсола, ё ба рӯзи истироҳат, ба таҳсил, ба таътили таълимӣ, ё ба рухсатии бемузд, ё бо қисман музднок бо ташаббуси маъмурият, ё ба корпартоӣ рафтан ва дигар ин қабил сабабҳо муваққатан ба кор нобаромада буданд. Ашхоси машғули иқтисодиёт аз рӯи мақоми худ дар системаи муносибатҳо ба кормандони кироя ва ба кормандони ғайрикироя ҷудо мешаванд.

Ба кормандони кироякор ашхосе низ дохил мешаванд, ки бо роҳбарони корхонаҳо, сарфи назар аз моликияташон, ё бо ашхоси алоҳида дар бораи шароити фаъолияти меҳнатӣ, ки барои он пулакӣ ё бо маҳсулот ҳақ мегиранд, шартнома ё созишномаи меҳнатӣ бастаанд, ё даҳонӣ қарордод кардаанд. Ашхосе, ки ғайрикироя кор мекунанд, шахсоне мебошанд, ки мустақилона худашонро бо кор таъмин менамоянд. Ба ин қабил ашхос соҳибкорон, шахсони танҳокор, кормандони оилавии бемузд дохил мешаванд.

Кормандони кироякор: мувофиқи мафҳуми байналхалқӣ истилои «кормандони кироякор» ба ашхосе рост меояд, ки дар корхонаҳои давлатӣ, хусусӣ ва дигар корхонаҳо кор карда, музди кор, маош ва инъом мегиранд (ба мафҳуми «коргарон, хизматчиён, колхозчиён» шабоҳат доранд).

Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандон-ҳамаи кормандоне мебошанд, ки ба кори доимӣ, мавсимӣ, инчунин ба кори муваққатии якрӯза ва зиёдтар қабул карда шудаанд. Дар чунин маврид ҳам кормандони аслӣ ва ҳам кормандони муваққатан бекор, вале расмӣ дар қайдбуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Шумораи аслии кормандон-шумораи кормандоне мебошад, ки барои ҳисоб кардани музди миёна кор ва дигар маблағи миёна қабул карда шудаанд. Барои ҳосил шудани ин нишондиҳанда аз шумораи кормандони ҳайати дар рӯйхатбуда заноне, ки ба рухсатии ҳомила, таваллуд ва нигоҳубини кӯдак, кормандоне, ки бо ташаббуси маъмурият ба рухсатии бепул рафтаанд, хориҷ карда мешаванд.

Бекорон-ашхосе мебошанд, ки ба синни дар қонунгузории миллӣ қабулшуда расидаанд ва дар давраи таҳлилшаванда бекор буданд (шуғли даромаднок надоштанд, бо ёрии хадамоти шуғл ё мустақилона кор ҷустуҷӯ мекарданд) ва тайёр буданд дарҳол ё дар давоми давраи муайянкардаи қонунгузории миллӣ ба он шурӯъ кунанд.

Ба бекорони дар Мақомоти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда, ашхосе мансубанд, ки ҷои кор надоранд, дар ҷустуҷӯи кор мебошанд ва мувофиқи тартиботи муқарраршуда дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ мақоми бекорро соҳиб шудаанд.

Бекории пинҳонӣ шуғли нопурра мебошад, ки қисми кормандон аз сабаби аз кор бозмондани корхона ба рухсатии маҷбурӣ мераванд ё ҳафтаи нопурра ва рӯзи нопурра кор мекунанд.

Дараҷаи бекорӣ аз рӯи таносуби шумораи бекорон нисбат ба шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол муайян карда мешавад.

Шумораи шаҳрвандоне, ки ба мақомоти давлатии хадамоти шуғли аҳолӣ дар масъалаи таъмин кардан бо кор мурочиат кардаанд, шумораи аҳолиест, ки дар давраи тадқиқшаванда барои ҷустуҷӯи кор, аз он ҷумла ашхоси машғуле ки ҷои корашро дигар кардан ё ҷои кори дуюм доштан мехоҳад, инчунин донишҷӯён ва хонандагоне, ки мехоҳанд дар давраи аз таҳсил фориғ кор кунанд, ба мақомоти шуғли аҳолӣ мурочиат кардаанд.

Created by Universal Document Converter

Шумораи шаҳрвандони бо кор таъминшуда шумораи умумии ашхосе, ки дар давраи тадқиқшаванда бо ёрии мақомоти давлатии хадамотии шуғли аҳолӣ бо кор таъмин карда шудаанд.

Изҳороти корхона ва ташкилотҳое, ки ба кормандон эҳтиёҷ доранд-шумораи ҷои холии кор (кормандони зарурӣ), ки корхонаю ташктилотҳо ба мақомоти давлатии хадамоти шуғли аҳолӣ хабар додаанд.

Шумораи аҳолии бекор, ки ба як ҷои холии кор талабгор аст, ҳамчун нисбати шумораи ашхосе, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанду дар мақомоти давлатии хадамоти шуғлӣ аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд ва шумораи ҷои холии кор, ки корхонаю ташкилотҳо ба мақомоти давлатии хадамоти шуғли аҳолӣ хабар додаанд, ҳисоб карда мешавад.

ВАЗЪИ ДЕМОГРАФӢ

Маълумот дар бораи шумораи аҳолӣ аз рӯи аҳолии доимӣ оварда мешавад, ки ба он ашхоси дар ҳамон ҳудуд ҳозирбуда, аз он ҷумла ашхосе, ки муваққатан сукунат доранд, мансубанд Аҳолӣ ба шаҳрию деҳотӣ аз рӯи маҳалли истиқомат тақсим карда мешавад, дар ин маврид маҳалҳое шаҳр ҳисобида мешаванд, ки мувофиқи тартиботи қонунгузорӣ ба гуруҳи шаҳрҳо (шаҳр ва шаҳрак) мансуб дониста шудаанд. Ҳамаи маҳалҳои боқимонда деҳот ҳисоб мешаванд.

Маълумот дар бораи таваллуд, фавт, никоҳ ва талоқ-дар асоси коркарди ҳарсолаи маълумоти оморӣ, ки дар маълумоти санадҳои қайди ҳолати шаҳрвандӣ роҷеъ ба таваллуд, фавт, ақди никоҳ ва талоқ мавҷуданду Мақомоти сабти ҳолати шаҳрвандӣ тартиб додаанд, гирифта мешаванд. Ба шумораи таваллудшудагон танҳо тифлони зинда таваллудёфта дохил карда шудаанд.

Афзоиши табиии аҳолӣ- андозаи мутлақи фарқи байни шумораи таваллудшудагон ва фавтидагон дар фосилаи муайяни вақт мебошад. Андози он метавонад мусбат ва ё манфӣ бошад.

Коэффисиенти умумии таваллуд ва фавт-ҳамчун мутобиқати шумораи кӯдакони зинда таваллудшуда ва фавтида дар давоми соли тақвимӣ нисбат ба шумораи миёнаи солонаи аҳолии мавҷуда ҳисоб карда мешавад.

Коэффисиенти афзоиши табиӣ-ҳамчун фарқияти коэффисиентҳои умумии таваллуд ва фавт ҳисоб карда шудааст. Бо промилле (ба 1000 нафар аҳолӣ) ҳисоб карда мешавад.

Коэффисентҳои никоҳ ва талоқ умумианд-таносуби шумораи никоҳ ва талоқи дар давоми соли тақвимӣ ба қайд гирифташуда нисбат ба шумораи миёнаи умумии солонаи аҳолии мавҷуда мебошад. Бо промилле (ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ) ҳисоб карда мешавад.

Муҳоҷирати аҳолӣ-ҷараёни ҷойивазкунии одамон ба воситаи ҳудуди ин ё он сарҳад барои доимӣ ва ё барои сукунати доимӣ ва ё тӯлонӣ мебошад. Муҳоҷирати аҳолӣ аз рӯи як қатор аломатҳо табақабандӣ мешавад:

1.Вобаста ба хусусияти гузаштани сарҳад муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилӣ мешавад. Муҳоҷирати хориҷӣ муҳоҷиратест, ки аз сарҳади давлатӣ мегузарад. Нисбат ба муҳоҷироти хориҷӣ мафҳуми «муҳоҷирати» хориҷӣ (ба дигар мамлакат баромада рафтан) ва «муҳоҷирати дохилӣ» (дар дохили мамлакат муҳоҷират кардан) истифода карда мешавад. Муҳоҷирати дохилӣ муҳоҷиратест, ки аҳолӣ дар дохили як мамлакат дар байни ноҳияҳои маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин ҷои сукунаташро иваз мекунад.

2. Аз рӯи аломати вақту замон муҳоҷиратро тақсим мекунанд:

- муҳоҷирати бебозгашт қатъӣ иваз кардани ҷои доимии сукунат мебошад;
- муҳоҷирати муваққатӣ кӯч бастан ба вақти кофии тӯлонӣ, аммо ба мӯҳлати маҳдуд аст, ки одатан ба кори ҷои сукунат вобаста мебошад. Бештари ҷойивазкунии коргарон аз як мамлакати ба мамлакати дигар муҳоҷирати муваққатӣ мебошад;

Created by Universal Document Converter

- муҳоҷирати мавсимӣ ҷойивазкунии ҳарсолаи одамон дар давраҳои муайяни соласт;
- муҳоҷирати серҳаракат муҳоҷиратест, ки аҳолӣ ҳар рӯз ба ҷои кор ё ба таҳсил ба хориҷи маҳалли сукунати худ рафтуомад мекунад.

3.Аз рӯи шаклҳои ташкилӣ муҳоҷират ба муҳоҷирати ҷамъиятию муташаккил ва номуташаккил тақсим мешавад: муҳоҷирати ҷамъиятию муташаккил бо иштироки мақомоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ сурат мегирад; муҳоҷирати номуташаккил бо қувваю воситаи худи муҳоҷирон, бе ёрии моддӣ ва ташкилии ягон муассиса сурат мегирад.

Маълумот дар бораи муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷии бебозгашти аҳолӣ дар натиҷаи коркарди талонҳои баҳисобгирии оморӣ ва кӯчида омадан ва кӯчида рафтани аҳолӣ гирифта мешавад; ин талонҳоро мақомоти корҳои дохилӣ дар вақти бақайдгирӣ (кӯчида омадан) пур мекунанд.

Шумораи умумии муҳоҷирон (ҷамъи адади муҳоҷират) шумораи аҳолии кӯчидаомада ва ҷамъи шумораи аҳолии кӯчидарафта мебошад.

Афзоиши муҳоҷирати (кӯчида рафтани) аҳолӣ (муҳоҷирати холис)-тафовути шумораи аҳолии ба ягон минтақа кӯчидарафта ва шумораи аҳолии кӯчидаомада мебошад. Аз шумораи аҳолии кӯчидарафта зиёд будани аҳолии кӯчидаомада аз афзудани аҳолӣ далолат мекунад, яъне бо аломати ҷамъ (+) ишора мешавад. Зиёд шудани шумораи аҳолии кӯчидарафта нисбат ба шумораи аҳолии кӯчидаомада аз кам шудани шумораи аҳолӣ башорат медиҳад, яъне бо аломати тарҳ (-) ишора мешавад.

ҚОНУНШИКАНӢ

Ҷиноятқорӣ-зуҳуроти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ҷамъи ҷиноятҳои содиршуда дар ҳудуд ё минтақаи аниқ дар давраи муайян мебошад, ки бо нишондиҳандаҳои миқдорию сифатӣ тавсиф карда мешавад.

Ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда амалҳои ба ҷамъият хавфнок, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ шуда ва ошкор гардидаанд ва расман ба қайд гирифта шудаанд.

Ҷиноятҳои иқтисодӣ амалҳои хавфноки аз рӯи қонуни ҷиноятӣ ҷазододашаванда, ки дар соҳаи истеҳсолот, тақсим ва истеъмоли молҳо ва хизматрасонӣ, аз он ҷумла вобаста ба ғайриқонунӣ истифода кардани мақоми хизматӣ (дуздӣ, азхудкунӣ, камомад, сӯистифода аз вазифаи хизматӣ; бо роҳи фиреб кардани истеъмолкунандагон, вайрон кардани қоидаи савдо; вайрон кардани интизоми давлатии нарх, сартобӣ кардан аз пардохти андоз, истеҳсол ва фурӯши молҳо, хизматрасонӣ, ҷавобгӯ нашудан ба талаботи бехатарӣ ва ғайра) мебошанд.

Ашхосе, ки ҷиноят содир кардаанд, ашхосе мебошанд, ки мақомоти корҳои дохилӣ ва прокуратура расмӣ ба ҳисоб гирифтаанд ва ба онҳо парвандаи ҷиноятӣ кушодаанд ё барои кушодани парвандаи ҷиноятӣ ба мақсади сафед накардан инкор кардаанд.

Ҷиноятҳои ноболиғон ҷамъи ҷиноятҳое мебошанд, ки ноболиғон содир кардаанд, дар мавриди содир кардани ҷиноят чаҳордаҳ солро пур кардаанду вале ҳаждаҳ солро пур накардаанд.

Ошкоркунии ҷиноят- таносуби шумораи ҷиноятҳое, ки дар давраи ҳисобот тафтишоту таҳқиқоти парвандаи ҷиноятӣ ба охир расидааст, аз он ҷумла таҳқиқи парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст ва парвандаи ҷиноятие, ки муҳлати таҳқиқаш ба охир расидааст, нисбат ба шумораи умумии ҷиноятҳои ошкоршуда ва ошкорнашуда, сарфи назар аз вақти кушодани парвандаи ҷиноӣ ва вақти ба қайд гирифтани ҷинояти мазкур, мебошад.

Created by Universal Document Converter

Супориши № 4049
Адади нашр 30 нусха
Ба чоп супорида шуд:10 03 2023

Раёсати ҷамъбастӣ ва табъу нашри
Сарраёсати Агентии омори назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон

Created by Universal Document Converter